ПРОТОКОЛИ №4

семинари илмӣ-методии раёсати илм ва инноватсияи

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

аз 20-уми октябри соли 2022 ш. Кӯлоб

**Иштирок доштанд:**

1. Самариддинова З.Н. – н.и.п., и.в. дотсент– раис;
2. Иброҳимов Г. – н.и.п. ,дотсент.– аъзо;
3. Сироҷиддини Д. – н.и.п. – аъзо;
4. Давлатова Н.Ҳ. – н.и.п., и.в.дотсент – аъзо;
5. Назаров Ҳ.С. –н.и.п., и.в.дотсент – аъзо;
6. Шарипов А.А. н.и.п. ,и.в.дотсент – аъзо;
7. Гулрӯи С. Ҷ. муал. калон, – аъзо;
8. Сулаймонов У.И. муал. калон – котиб.

**Муқарризон:**

9. Шарипов Б. Ф. н.и.п .,и.в.дотсент;
10. Лоиқов П.Ҷ. н.и.п ,и.в.дотсент

РӮЗНОМА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

ШУНИДА ШУД:

Раиси ҷаласаи семинари илмӣ-методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ н.и.п., и.в. дотсент Самариддинова З.Н. кушод.,Инчунин аъзоён ва котибро муаррифӣ намуда, рӯзномаро ба ҳозирин маълум кард ва навбатро барои маърӯза ба довталаби дараҷаи илмӣ Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дод.

Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович оид ба мубрамии мавзуъ, муҳтавои асосии диссертатсия, навгонии илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти озмоишии баргузоркардааш мухтасар маърӯза кард.

Сипас, аъзоёни ҷаласа Иброҳимов Г., Сироҷиддини Д., Назаров Ҳ.С., саволҳои худро ба унвонҷӯ пешниҳод намуданд ва ӯ ба ин саволҳо ҷавобҳои мушаххас дод.

Муқарризон Шарипов Б.Ф., Лоиқов П.Ҷ ва иштирокдорон Шарипов А.А., Давлатова Н. фикру андешаҳояшонро оид ба мавзуи довталаб Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович баён сохта, асосан ба диссертатсия баҳои мусбат доданд ва барои боз ҳам беҳтар шудани сифати таҳқиқот эроду тавсияҳои худро манзур карданд.

Дар асоси фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшудаи муқарризон ва иштирокдорони семинари илмӣ-методӣ раёсати илм ва инноватсия

ҚАРОР КАРД:

Диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» кори мустақилона ба анҷомрасида ҳисобида шавад, ки дар он вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд.

Раиси ҷаласа, сардори раёсати илм
ва инноватсияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
и.в.дотсент Самариддинова З.Н.

Котиб, муаллими калон Сулаймонов У.И.

*Имзои Самариддинова З.Н., Сулаймонов У.И.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори раёсати
РК ва КМ-и Донишгоҳи далатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.